«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
__________Ибодуллозода А. И.
«__»__________соли 2024

# Тақризи

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи “Ҷустуҷуҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз руи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертасияи номзадии Ҳамзаев Муҳриддин Қаландарович дар мавзуи “Ҷустуҷуҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои филологӣ, аз руи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқат мекунад.

Воқеан, нимаи дуюми садаи XX дар таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун марҳилаи нави ҷустуҷуҳои адабӣ ва навгароию навпардозӣ арзёбӣ мешавад, ки ин безамина нест. Шуруъ аз оғози даҳаи шастуми асри гузашта як гурӯҳ қаламкашони ҷавон бо назари тоза, бо андешаю афкори ҷадид вориди майдони адабиёт гардиданд. Натиҷаи ҷустуҷӯҳои бобарори ин насли навгарои шоирону нависандагони тоҷик самараи арзишмандеро дар таърихи назму насри тоҷикии садаи XX ба бор овард. Шоирони насли номбурда, на танҳо қолабҳои суннатии тафаккури адабиро нав сохтанд, балки онҳо шеърро, ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози васоити шаклӣ ва орояҳои адабӣ дигаргун намуданд, ки он ба равандҳои минбаъдаи инкишофи назм дар адабиёти тоҷик нақши рушан дорад.

Бояд гуфт, ки яке аз фаъолони наҳзати навгароӣ дар назми солҳои 60-70, шоири соҳибистеъдод ва дар он солҳо маъруф Ғоиб Сафарзода буд. Вай ба майдони адабиёт ба ҳайси шоири соҳибҳунар ва ҷӯянда

ворид гардида, дар як давраи кӯтоҳ бо ашъори рангинаш дар байни хонандагон маъруф гардид. Ғоиб Сафарзода хеле бармаҳал дар айни авҷи камолоти эҷодӣ аз дунё гузашт, вале сарфи назар аз ин, вай дар муддати 10-12 соли фаъолияти адабию эҷодиаш дар адабиёти муосири тоҷик нақши равшани худро гузошт.

Ғоиб Сафарзода ҳанӯз аз солҳои донишҷӯӣ ба эҷоди шеър оғоз намуда, дар як муддати кӯтоҳ худро ба аҳли адаби ҷумҳурӣ ошно сохт. Дар он солҳо чакидаҳои хомаи шоири ҷавон дар рӯзномаю маҷаллаҳои хеле бонуфӯзе, мисли “Тоҷикистони Советӣ”, “Маориф ва маданият”, “Садои Шарқ” ва ғайра ба нашр мерасид. Махсусан, шеърҳои “Ба дӯсти эрониам”, “Пеш аз тулӯи офтоб”, “Модар”, “Сароби хунин”, “Савганд” ва ғайра Ғоиб Сафарзодаро ҳамчун шоири дорои истеъдоди комили адабию эҷодӣ ба мардум муаррифӣ намуд. Маҷмуаи шоир соли 1978 бо номи “Мероси ҷавонӣ” ба нашр расид, ки он ҳам аз тарафи аҳли адаб ва ҳам аз ҷониби доираи васеи хонандагон хуш истиқбол гардид. Ғоиб Сафарзода, чунон ки муҳаққиқони назми солҳои 60-70-уми асри XX ишора намуданд, бештар дар анвои суннатии шеър, аз қабили ғазал, қитъа, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, мустазод, таркиббанд, мусаллас, мухаммас ва ғайра эҷод кардааст, ки ин истеъдод ва ҳунари комили адабӣ доштани ӯро собит месозад. Аммо дар эҷодиёти шоир мавқеи бештар доштани навъи шеърии чаҳорпора ва кӯшишҳои бобарори қолабшиканин ӯ далели навгароӣ ва навпардозии шоир дар ин навъи шеърӣ мебошад.

Намунаи барҷастаи ин қабил иқдомҳои адабии Ғоиб Сафарзода шеърҳои “Нидои модар”, “Ҷаҳони хешро дарёб”, “Рӯзҳо” мебошад. Ин қабил ҷусторҳои бобарори шоир асосан, аз омӯзиши шеъри суннатии форсии тоҷикӣ, эҷодиёти шоирони бузурги ҷаҳон ашъори навгароёнаи шоирони тавонои Ғарбу Шарқ сарчашма мегирад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.** Саҳми шахсии диссертант дар таҳқиқи мавзуи мавриди назар, пеш аз ҳама дар баррасии муҳиммият ва арзиши илмии мавзуъ, масъалагузориҳои мушаххас, таъкиди масоили мавриди таҳқиқ, нишон додани сарчашмаҳо ва навгониҳои пажӯҳиш, таъкиди нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаю натиҷагириҳои қобили эътимод зоҳир мегардад. Инчунин, метавон омӯзиши адабиёти илмӣ, диду назарҳои муҳаққиқони қаблӣ дар робита ба мавзуи мавриди баррасӣ, таҳлил ва баёни андеша ва нашри мақолаҳо

ва гузоришҳои илмии марбут ба мавзуи таҳқиқро саҳми инфиродии диссертант ҳисобид. Воқеан, муносибати инфиродии назарию амалии диссертант дар ҳалли як қатор масъалаҳои консетуалии назми тоҷикии солҳои 60-70-уми садаи XX аз ҷумла, эҷодиёти Ғоиб Сафарзода мусоидат менамояд. Диссертант дуруст таъкид мекунад, ки ашъори Ғоиб Сафарзода аз ҳар ҷиҳат ифодагари муҳимтарин сифатҳо ва ҷолибиятҳои шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми садаи XX мебошад.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид кард, ки нимаи дуюми садаи XX давраи пурбори таърихии адабиёти муосири тоҷик мебошад. Зеро дар ин давра шеъри тоҷикӣ бо ибтикори шоирони тавоное, мисли Ғоиб Сафарзода ба таҷаддуд ва таҳаввули бобарори шаклию мазмунӣ рӯ ба рӯ гардид. Суннатгароии шоирона, навҷӯиҳои бобарои адабию эҷодӣ, тозагии забону баён аз сифатҳои асосии шеъри тоҷикии давраи мазкур мебошад. Масоили мазкур дар диссертатсия хеле муфассал ва бонизом баррасӣ гардидааст.

**Натиҷаи мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амлии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он мебошад, ки диссертант бори аввал эҷодиёти яке аз шоирони навгарою таъсиргузори муосири тоҷикро дар контексти равандҳои навҷӯӣ ва навгароӣ дар назми тоҷикии солҳои 60-70-уми садаи XX ба таҳқиқ мегирад.

Аҳаммияти назарии таҳқиқоти М. Ҳамзаев дар он аст, ки муҳаққиқ равандҳои назми давраи мавриди назар ва хоса эҷодиёти Ғоиб Сафарзодаро дар пояи назарияҳо ва консепсияҳои муосири таҳқиқи осори адабӣ баррасӣ менамояд.

Аҳаммияти амалии диссертатсияи мазкур дар он зоҳир мешавад, ки хулосаю натиҷагириҳои диссертант на танҳо барои омӯзиши минбаъдаи адабиёти давраи мавриди назар, балки барои таҳқиқи эҷодиёти шоирони муосири Ғоиб Сафарзода муҳим аст. Инчунин, метавон аз маводи диссертатсия ҳангоми тадриси таърихи адабиёти тоҷикии садаи XX, таҳияи рисолаю мақолаҳои илмӣ, дастурҳои таълимӣ ва ғайра истифода кард.

Диссертатсияи М. Ҳамзаев аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, китобнома ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст. Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши он, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва

вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, аҳаммияти назарию амалии он, саҳми шахсии довталаби илмӣ ва ғайра баррасӣ мегардад.

Боби якуми диссертатсия “Раванди навгароӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70” унвон дошта, аз се фасл иборат аст, ки дар онҳо диссертант масоили марбуṯ ба заминаҳо ва омилҳои зуҳури неҳзати навгароиро дар адабиёти тоҷикии нимаи дуюми садаи XX баррасӣ менамояд. Дар ин бахши таҳқиқоти М. Ҳамзаев масъалаҳои муҳиммеро, мисли анъана ва навоварӣ, зуҳуру инкишофи анвои нави шеърӣ, ҷустуҷӯҳои шоирони маъруфи тоҷик, масъалаи навсозии ҷанбаҳои шаклию мазмунии шеъри суннатӣ ва ғайраро муфассал баррасӣ мекунад. Вай дуруст таъкид менамояд, ки навоварӣ дар шеъри тоҷик, хосатан дар шеъри солҳои мавриди назар танҳо бар асоси чаҳорпора, арӯзи озод набуда, балки дар шеъри суннатӣ аз лиҳози ҷусторҳои ҳунарӣ, нав шудани мавзуъ, забону баён, таркибу ибораоροӣ ва халлоқият дар сохтори шеър тасаллути бештар касб намудааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки ба ташаккули шахсияти адабии Ғ.Сафарзода ихтисос дорад низ аз се фасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб диссертант асосан, давраи ҷавонӣ ва камолоти шоир, нақши маҳфилҳои адабӣ, устодони адабиёти ҳамон солҳо ва умуман, ҳаёти адабии замонро ба ҳайси омили муҳим ва муассир дар ташаккули шахсияти адабии Ғ. Сафарзода баррасӣ менамояд.

Дар баробари ин, фаъолияти тарҷимонӣ ва мунаққидии Ғ. Сафарзода дар ду фасли алоҳидаи боби дуюми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор мегирад. Муҳим он аст, ки диссертант ин ду самти фаъолияти эҷодии шоирро ба ҳайси ду омили муҳимми ташаккули шахсияти эҷодии ӯ арзёбӣ мекунад. Воқеан, тарҷимаи бадеӣ як мактаби муҳим ва эътирофгардидаи камолоти эҷодии адибон ба шумор меравад. Ғ. Сафарзода ба ҳайси мунаққид дар баҳсҳое, ки дар атрофи навҷӯиҳои шоирони солҳои 60-70 ба миён меомад, фаъолона ширкат намуда, тавассути тақризҳо ва мақолаҳои танқидиаш изҳори назар менамуд. Ин самтҳои фаъолияти адабӣ дар омӯзиш, бедории тафаккур ва сайқали истеъдоди фитрии шоир нақши муҳим бозиданд.

Боби сеюм аз бахшҳои муҳим ва пурбори диссертатсияи М. Ҳамзаев маҳсуб меёбад. Дар ин боб диссертант ҷусторҳои ҳунарии шоирро дар се фасли алоҳида хеле муфассал баррасӣ мекунад. Воқеан, ҷустуҷӯҳои адабию ҳунарӣ дар ашъори Ғ. Сафарзода бо тасвирҳои тоза, нигоҳи нав

ба воқеиятҳои зиндагӣ, тасвири нотакрори мавзуъ вобастагӣ дорад. Дар ин робита диссертант дуруст таъкид мекунад: "Ғ. Сафарзода ба мавзуъҳои меҳварии шеъри солҳои 60-70 баробари дигар ҳамзамонони худ таваҷҷуҳ кардааст. Васфи зан-модар, Ватан, кӯдакӣ, дӯстӣ, ишқу зебоӣ бо назокату бадеияти баланд ва тавъам бо гароишҳои воқеии рӯзгор, нигариш баояндаи неки инсонҳо, таҷассуми баланди ормонҳои миллӣ, ватанхоҳӣ, ишқу алоқа бо ҳама арзишҳои зиндагӣ, зебою шоирона ва бо ҳунари баланди нигорандагӣ дар шеъри Ғ. Сафарзода чун дар шеъри дигар ҳамзамонони ӯ инъикос ёфтааст. Шеъри ӯ аз ҷиҳати фарогирии мавзуъ ва моҳият ғанӣ буда, метавонад дар радифи шеъри ҳамнаслонаш мавриди омӯзиш қарор гирад" (Диссертатсия с. 152).

Дар фасли сеюми боби мазкури диссертатсия муҳаққиқ ашъори Ғ. Сафарзодаро аз назари анвои шеърӣ ва риояти суннатҳои адабӣ баррасӣ менамояд. Таъкид мешавад, ки аксари ашъори шоир дар қолабҳои суннатии шеъри форсии тоҷикӣ, аз қабили ғазал, рубоӣ, қитъа, дубайтӣ ва ғайра эҷод гардидааст. Диссертант саҳми Ғ. Сафарзодаро дар навсозии дарунмояҳои шеър махсус таъкид намуда, ишорат менамояд, ки тозакорӣ ва нигоҳи нави шоир ба мавзуъ дар ашъори дар жанрҳои суннатӣ гуфтаи ӯ, бахусус дар рубоӣ ва дубайтиҳояш равшантар мушоҳида мешавад.

Ҷои таъкид аст, ки дар диссертатсияи М. Ҳамзаев қариб ҳамаи самтҳои фаъолияти адбию эҷодии Ғ. Сафарзода ва хосса ашъори ӯ бо низом ва дар сатҳу салиқаи зарурӣ муфассал, дар заминаи маводи фаровони назарӣ ва адабӣ таҳқиқ шудааст. Дар бахши хулосаи диссертасия муҳаққиқ натиҷагириҳои илмии худро дар 17 банд ба таври мушаххас овардааст, ки аксари онҳо қобили мулоҳиза мебошанд.

Дар диссертассия дар баробари муҳассаноти зикргардида баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳо аз аҳаммият холӣ нестанд:

1. Дар бахши муқаддимаи диссертатсия қисматҳои "Предмети таҳқиқ" ва "Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ"-ро бояд такмил кард.

2. Дар боби якуми диссертатсия, агар фаслҳои якум ва сеюм, ки ҳар ду ба заминаю омилҳои пайдоиши раванди навгароӣ дар назми солҳои 60-70 иртибот дорад, дар як фасл баррасӣ мегардид, беҳтар буд.

3. Дар боби дуюми диссертатсия, агар фасли сеюм ба ҷои фасли дуюм, ки дар он масъалаи накди ашъори шоир баррасӣ мегардад, оварда мешуд, масъалагузорӣ дар ин боб бонизомтар ва мантиқӣ мебуд.

4. Дар рӯйхати адабиёт ҷо-ҷо диссертант хронологияи нашри осори муаллифонро риоя накардааст, ки ин аз ҷумлаи талаботҳои муҳимми таҳияи китобнома дар таълифоти илмӣ аст.

5. Дар фишурдаи диссертатсия муҳтавои фаслҳои якум ва дуюми боби дуюми диссертатсия хеле мухтасар оварда шудааст, ки онҳо мазмуни фаслҳои мазкурро ба пуррагӣ ифода намекунанд.

6. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзан, хатоҳои имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки онҳоро бояд ислоҳ кард.

Бояд таъкид кард, ки камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро кам намесозад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Диссертатсияи М. Ҳамзаев “Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” ба талаботи бандҳои 31, 33-35- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Автореферати диссертатсия ва маводи интишоршудаи муаллиф фарогири муҳтавои диссертатсия мебошад. Доир ба фаслу бобҳои алоҳидаи кор диссертант 9 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки 5 номгӯи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикикстон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи М. Ҳамзаев “Ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ дар шеъри тоҷикии солҳои 60-70-уми асри XX (дар мисоли ашъори Ғоиб Сафарзода)” бо аҳаммият ва муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назарию амалӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод мешавад.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 27-уми декабри соли 2024 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест». Суратҷаласаи № 5, аз 27.12.2024.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таъихи
адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садридидн Айнӣ Солеҳов Шамсидди Аслиддинович

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Элбоев Вафо Ҷӯрақулович

**Котиби илмии ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич

**Имзоҳои Ш. А. Солеҳов, В. Ҷ. Элбоев ва А. А. Шоевро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.
Тел.: +992(37) 224-13-83; +992(37) 224-18-01.
E-mail: info@tgpu.tj; сомонаи расмӣ: www.tgpu.tj

« 27» декабри соли 2024.